# ШУҒЛ ВА МУҲОҶИРАТ

*Рӯ намеорад ба хони ҳеҷ кас соҳибҳунар...*

№ 8 (385) / 07 июни соли 2023

Аз январи соли 1998 нашр мешавад.

**Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

www.mehnat.tj   Rrohnamo@mail.ru   +992 93-483-36-36   Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон



ОЗМУН 2-3

ДАВРИ НИҲОИИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ “МАЛАКАИ КАСБӢ”



МУНОСИБАТҲОИ МЕҲНАТӢ 6

КАФОЛАТИ САЛОМАТИИ КОРМАНДОН



МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ 7

САФАРИ МАРҲАЛА БА МАРҲАЛА



ВАРЗИШ 8

ҒОЛИБОНИ МУСОБИҚАҲОИ ВАРЗИШӢ




## ОЗМУНИ ҲУНАРМАНДОНИ ТОҶИКИСТОН



Озмуни ҳунармандони Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои банди 4 «Ҷадвали баргузории озмун, намоиш, ид, озмунҳои анъана ва ҳунарҳои мардумӣ ва ҷашну солгардҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023», ки бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2023, № АП-1318 тасдиқ шудааст, аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо барои тарғиб ва рушди ҳунарҳои мардумӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ баргузор карда шуд.

Ҳадафҳои асосии Озмун аз инҳо иборат буданд:

- эҳё ва муаррифӣ намудани анъанаҳо, суннатҳои аҷдодӣ ва оммавӣ гардонидани ҳунарҳои мардумӣ;
- рушди ҳунармандӣ, тарбияи зебоипарастӣ, хештаншиносӣ ва тақвият бахшидани ҳисси ватандӯстӣ;
- тарғибу ташвиқи ҳунарҳои миллӣ ва дарёфти чеҳраҳои нави соҳаи ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муаррифӣ намудани намудҳои гуногуни маҳсулоти ҳунармандӣ, ки бо маҳорати баланди касбӣ ва усулҳои хос омода карда шудаанд.

Бад-ин минвол, даври ҷамъбастии Озмуни ҳунармандони Тоҷикистон 4-уми июни соли равон дар пойтахти кишвари азизамон - шаҳри Душанбе баргузор гардида, ба иди ҳақиқии намоиши ҳунарҳои мардумӣ ва ҳунармандони асили ҷумҳурӣ табдил ёфт.

Ниг. саҳ. 4-5

**Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ: 231-49-19**

Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шуғл ва МУҲОҶИРАТ

# ДАВРИ НИҲОИИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ

**Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади эълон гардидани солҳои 2022-2026 солҳои рушди саноат ва тарғиби донишҳои назариявӣ ва амалӣ, инкишофи шавқу завқи хонандагон, тақвияти кӯшиши онҳо ба корҳои эҷодӣ, тарғиби интихоби касб, фароҳам овардани шароити муносиб барои дарёфти хонандагони лаёқатманд, тақвияти тафаккури техникии онҳо ва рушди малакаи касбӣ байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ даври ниҳоии озмуни ҷумҳуриявии «Малакаи касбӣ»-ро аз рӯи ихтисосҳои «Системаи компютерӣ» ва интернет-технология, «Челонгари таъмири (муҳаррики) автомобил», «Тракторчӣ-мошинисти истеҳсоли кишоварзӣ» ва «Монтёри баркӣ оид ба таъмир ва хизматрасонии таҷҳизотҳои баркӣ» дар соли 2023 баргузор кард.**



Даври ниҳоии Озмуни ҷумҳуриявӣ байни хонандагон - ғолибони даври минтақавии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар Муассисаи давлатии «Литсейи касбии техникии нақлиёти автомобилии шаҳри Душанбе» бо иштироки вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулнора Ҳасанзода барпо гардида, тӯли се рӯз идома ёфт.



Зимни ифтитоҳи озмуни «Малакаи касбӣ» вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулнора Ҳасанзода таъкид намуд, ки имрӯзҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамоянд. Зеро дар шароити имрӯз омода намудани кадрҳои коргарӣ, соҳибкасб гардонидани ҷавонон ва дар бозори меҳнат мавқеъ пайдо намудани онҳо аз вазифаҳои аввалиндараҷа ба шумор меравад. Бо ин мақсад вазорат ҳам тамоми тадбирҳои судмандро меандешад, то ки насли ҷавон барои рушди касб ва малакаҳои касбии худ шароити мусоиду созгор дошта бошанд.

Бешак, бозори меҳнати дохилӣ ва берунӣ ба мутахассисони соҳибкасб ниёз дорад. Агар, аз як тараф, хонанда ба омӯзиши касб ҳавасманд бошад, аз тарафи дигар, барои рушди малакаҳои касбӣ андешидани тадбирҳои ҳунарӣ ва озмунҳои саросарии маҳорат нақши калидӣ доранд. Ин аст, ки вазорат пайваста дар роҳи густариши малакаҳои касбии хонандагон тадбирҳои шоистаро роҳандозӣ менамояд.

Бояд тавзеҳ дод, ки дар ин росто қаблан Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ–методӣ ва мониторинги сифати таълим» дар мувофиқа бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон даври якуми озмуни ҷумҳуриявии «Малакаи касбӣ»-ро аз рӯйи ихтисосҳои “Системаи компютерӣ ва Интернет-технология” ва “Челонгари таъмири (муҳаррики) автомобил” рӯзҳои 4-5 апрели соли равон дар Литсейи касбии политехникии шаҳри Хуҷанд, аз рӯйи ихтисосҳои “Монтёри баркӣ оид ба таъмир ва хизматрасонии таҷҳизотҳои баркӣ” ва “Тракторчӣ-мошинисти истеҳсолоти кишоварзӣ” рӯзҳои 7-8 апрел байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии вилояти Суғд дар Литсейи касбии техникии саноати кишоварзии ноҳияи Зафаробод, рӯзҳои 11-12 апрел барои хонандагони муассисаҳои таълимии вилояти Хатлон дар Литсейи касбии техникии сохтмонии шаҳри Кӯлоб аз рӯйи ихтисосҳои “Системаи компютерӣ ва Интернет-технология” ва “Челонгари таъмири (муҳаррики) автомобил”, рӯзҳои 7-8 апрел дар Литсейи касбии техникии саноати кишоварзии шаҳри Кӯлоб аз рӯйи ихтисосҳои “Монтёри баркӣ оид ба таъмир ва хизматрасонии таҷҳизотҳои баркӣ” ва “Тракторчӣ-мошинисти истеҳсолоти кишоварзӣ”, рӯзҳои 18-19 апрел аз рӯйи ихтисосҳои “Системаи компютерӣ ва Интернет-технология” ва “Монтёри баркӣ оид ба таъмир ва хизматрасонии таҷҳизотҳои баркӣ” байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии шаҳри Душанбе, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва ВМКБ дар Литсейи касбии алоқаи шаҳри Душанбе ва рӯзҳои 25-26 апрели соли 2023 аз рӯи ихтисосҳои “Челонгари таъмири (муҳаррики) автомобил” ва “Тракторчӣ-мошинисти истеҳсолоти кишоварзӣ” дар Литсейи касбии техникии ноҳияи Шаҳринав баргузор кард.

Бо мақсади муайян намудани роҳу усулҳои беҳтар намудани раванди таълим, такмили фаъолияти таълимии хонандагон, тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси ба рақобати бозори меҳнат тобовар, фароҳам овардани шароити муносиб барои дарёфти хонандагони лаёқатманд кумитаи тадорукот барои озмуни даври минтақавӣ таъсис дода шуд.



Бояд афзуд, ки даври минтақавии озмун дар ду низом сурат гирифт. Дар низоми аввал хонандагон вобаста ба ихтисос малакаи худро тавассути саволномаи тестӣ санҷида, низоми дуюм барои иҷрои кори амалӣ аз тарафи кумитаи тадорукот баҳогузорӣ гардид.

Бинобар тартиби баргузории озмун барои иҷрои корҳои амалӣ аз рӯйи ихтисоси Системаи компютерӣ ва Интернет-технология (насб намудани системаи амалиёти Windows, сохти ҷадвал дар речаи конструктор бо истифода аз барномаи MS Access, сохти Web-саҳифа бо истифода аз забони нишонагузории HTML, насби драйверҳо (принтер, сканер, проектор ва ғайра), сохти рӯнамо ба воситаи барномаи MS Power Point, аз рӯйи ихтисоси Челонгари таъмир (муҳаррик)-и автомобил, (ба қисмҳо ҷудо намудан ва ҷамъоварии қисмҳои карбюратор, ба қисмҳо ҷудо намудан ва ҷаъоварии қисмҳои сӯзишворикаш, ба қисмҳо ҷудо намудан ва ҷамъоварии корандоз, иваз намудани тасмаи афрӯзиши механизми газтақсимкунанда ва тасмаи бакордарорандаи генератор, аз рӯи ихтисоси Монтёри баркӣ оид ба таъмир ва хизматрасонии таҷҳизотҳои баркӣ васли мувозини фурӯзонакҳо бо танзим кардани рӯшноӣ, васли пай дар пайи фурӯзонакҳо бо танзим кардани рӯшноии плафон ва пайвасти Амперметр ва Волтметр дар занҷир зери сарборӣ, васли лавозимоти баркӣ дар хонаи якхуҷрагӣ ва аз рӯи ихтисоси Тракторчӣ-мошинисти истеҳсолоти кишоварзӣ ба муҳлати 1-соатӣ вақт ҷудо гардид. Хонандагон дар шароити созгор маҳорату малакаҳои худро озмуданд. Меъёри баҳогузорӣ тибқи Низомномаи озмуни «Малакаи касбӣ» барои иҷрои корҳои тестӣ 50 хол (бал) ва барои иҷрои корҳои амалӣ 50 хол муқаррар карда шуд.



Натиҷаи озмун нишон дод, ки иштирокчиён вобаста ба малакаю маҳорат холҳои гуногунро соҳиб гардиданд. Бинобар ин, холҳои арзёбигардидаи кумитаи тадорукоти даври минтақавии озмун шумораи иштирокчиёнро муайян намуд.

Бад-ин минвол, аз шумораи 242 нафар иштирокчиёни даври минтақавӣ аз муассисаҳои таълимӣ 71

*(Идома дар саҳ. 3)*

Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ: 236-96-02

# “МАЛАКАИ КАСБӢ” ҶАМЪБАСТ ГАРДИД

*(Аввалаш дар саҳ. 2)*



нафар, аз ҷумла аз рӯйи ихтисоси Системаи компютерӣ ва Интернет-технология 15 нафар, аз рӯи ихтисоси Челонгари таъмири (муҳаррики) автомобил 19 нафар, аз рӯйи ихтисоси Монтёри баркӣ оид ба таъмир ва хизматрасонии таҷҳизотҳои баркӣ 22 нафар ва аз рӯйи ихтисоси Тракторчӣ-мошинисти истеҳсолоти кишоварзӣ 15 нафар ба даври ниҳоии озмуни ҷумҳуриявии «Малакаи касбӣ» роҳ ёфтанд.

Дар даври ниҳоии озмуни ҷумҳуриявии «Малакаи касбӣ» хонандагони 35 муассисаи таълими касбии шаҳру ноҳияҳо иштирок карда, байни ҳам тибқи Низомномаи озмуни «Малакаи касбӣ» аз рӯи корҳои тестӣ ва корҳои амалӣ қувва озмуданд.

Аз рӯи меъёри баҳогузорӣ кумитаи тадорукот озмуни ҷумҳуриявиро ҷамъбаст намуд. Ғолибон ба ин тартиб муайян гардиданд:

**Бо ихтисоси «Системаи компютерӣ ва интернет-технология»:**

Бо дипломи дараҷаи 1, ҷйи якум:
Ҳамроев Муҳаммад, ЛКТ сохтмони ш. Душанбе.

Бо дипломи дараҷаи 2, ҷойи дуюм:
Насриддинов Маҳмудҷон, Литсейи касбии махсуси маъюбони шаҳри Душанбе;
Ибрагимов Комрон, ЛКТ металлургии ш. Турсунзода.

Бо дипломи дараҷаи 3, ҷойи сеюм:
Умаров Фахриддин, ЛКТ н. Ҷаббор Расулов;
Шарипова Тахмина, ЛКТ ш. Кӯлоб.

**Бо ихтисоси «Монтёри баркӣ оид ба таъмир ва хизматрасонии таҷҳизотҳои барқ»:**

Бо дипломи дараҷаи 1, ҷойи якум:
Мусозода Муҳаммад, ЛКТ Политехникии ш. Душанбе.

Бо дипломи дараҷаи 2, ҷойи дуюм:
Юлдошов Қосимҷон, ЛКТ сохтмонии ш. Хуҷанд;
Раупов Эҳсон, ЛКТ сохтмонии ш. Душанбе.

Бо дипломи дараҷаи 3, ҷойи сеюм:
Қувватов Соҳибназар, ЛКТ н. Данғара;
Маликов Ҷамолиддин, ЛКТ н. Шаҳринав.

**Бо ихтисоси «Тракторчӣ-мошинисти истеҳсолоти кишоварзӣ»:**

Бо дипломи дараҷаи 1, ҷойи якум:
Азизов Одилҷон, ЛКТ н. Шаҳринав.

Бо дипломи дараҷаи 2, ҷойи дуюм:
Назарзода Муҳаммадҷон, ЛКТ н. Восеъ;
Соибназаров Самандар, ЛКТС кишоварзии н. Шаҳристон.

Бо дипломи дараҷаи 3, ҷойи сеюм:
Бойматов Достон, ЛКТ н. Ашт;
Алиҷони Ҷамоллиддин, ЛКТ н. Тоҷикобод.

**Бо ихтисоси «Челонгари таъмири (муҳаррки) автомобил»:**

Бо дипломи дараҷаи 1, ҷойи якум:
Соҳибов Эраҷ, ЛКТ шаҳри Бохтар.

Бо дипломи дараҷаи 2, ҷойи дуюм:
Туйчиев Сунатулло, ЛК политехникии ш. Хуҷанд;
Имомназаров Муҳаммад, ЛКТ н. Данғара.

Бо дипломи дараҷаи 3, ҷойи сеюм:
Акрамзода Абдулло, ЛКТ нақлиёти автомобилии ш. Душанбе;
Убайдуллозода Муҳаммадҷон. ЛКТ н. Файзобод.



Ғолибон дар вазъи мутантан бо тухфаҳои таъсисдодаи вазорат қадрдонӣ шуданд.

Бояд хулоса кард, ки озмуни ҷумҳуриявии «Малакаи касбӣ» бо ибтикори раҳбарияти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим» ва роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ баргузор шуда, ҷиҳати беҳтар гардидани ҷараёни таҳсилот ва баланд бардоштани сифати таълим мусоидат менамояд.



Бо истифода аз озмуни ҷумҳуриявии “Малакаи касбӣ” хабарнигорамон бо ҷонишини директор оид ба корҳои таълиму тарбияи Литсейи касбии хизмат ва туризм ш. Душанбе М. ПИРАКОВА мусоҳиб гашта, таассуроташро дар мавриди озмуни малакаи касбӣ, омӯзиши касб ва ҳунаромӯзии ҷавонон донистан хост. Мавсуф дар ин росто назарашро чунин баён кард:

- Касбу ҳунар ва малака ин сармояи бузургеанд, ки онҳоро бо ягон сарват ва симу зар иваз кардан ва харидан намешавад. Малакаи касбӣ ба инсон бузургӣ, шаҳомат мебахшад ва ӯро доимо болида нигоҳ медорад. Ба зиндагӣ ҳусни зебоӣ мебахшад. Беҳуда нагуфтаанд: «Шахси боҳунар - дарахти босамар». Баргузории озмуни ҳамасолаи «Малакаи касбӣ», ки ба ҳукми анъана даромадааст, бешубҳа ба рушди таълим ва малакаҳои касбии хонандагони муассисаҳои касбӣ таъсири мусбат мерасонад.

Озмуни имсола бори дигар собит намуд, ки ҳунарманди асил бо ҳунари зебои худ дар ягон давру замон ба касе ё чизе эҳтиёҷ пайдо намекунад, дастнигар намегардад. Зеро ҳунар як коргоҳи азимест, ки доимо ҳамсафари касони боистеъдод мебошад. Ҳунарманд ҳеҷ гоҳ ҷойи кор намеҷӯяд ва қуҷое, ки биравад, метавонад бо дастони ҳунаррезаш ризқу рӯзии худро пайдо намояд. Шахсе, ки устувории пойдевори ҳаёти худро меандешад, ҳамеша аз пайи омӯзиш ва рушди малакаи касбии худ қадам мегузорад.

Ногуфта намонад, ки ҳар як инсон дар зиндагӣ меъмори худ аст ва аз худ метавонад шахси бузургеро пайдо созад. Ин бузургӣ ба хираду дониш, ҳунари кас ва малакаи касбӣ вобастагӣ дорад. Соҳибкасб ҳамеша кӯшиш менамояд, ки дар байни дӯстон, рафиқон ва умуман дар ҷомеа мавқеи худро дошта бошад. Ин байт беҳуда нест:

**Соҳибҳунаре, ки ботамиз аст,**
**Дар дидаи мардумон азиз аст.**

Бинобар ин, касбу ҳунар зебоии зиндагӣ, ганҷинаи пурганҷ буда, ҳунарманд заргари бузургест, ки бо офаридҳои ҷолибаш мафтунгари дилҳои инсон маҳсуб мешавад».

Аз ин рӯ, танҳо бо раҳи инкишофи шавқу завқи хонандагон, тақвияти кӯшиши онҳо ба корҳои эҷодӣ, тарғиби интихоби касб, фароҳам овардани шароити муносиб барои дарёфти хонандагони лаёқатманд, тақвияти тафаккури техникии онҳо ва рушди малакаи касбӣ байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ устувор қадам ниҳодан, ба манфиати соҳа, касбомӯзон ва ҷомеа аст.

**Хабарнигори мо**



МД «Маркази таълими калонсолон»: 250-35-42, 250-35-44

Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шуғл ва МУҲОҶИРАТ

# ОЗМУНИ ҲУНАРМАНДОНИ ТОҶИКИСТОН.

**Дар ин чорабинии сатҳи ҷумҳурӣ муассисаҳои таълими касбии системаи вазорат фаъолона ширкат варзиданд.**

**4-уми июни соли равон дар Муассисаи давлатии «Боғи Ирам»-и шаҳри Душанбе даври ниҳоии Озмуни ҷумҳуриявии «Ҳунар омӯз...» баргузор гардид. Аз рафти баргузории озмун муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Матлубахон Сатториён, намояндагони вазорату идораҳо ва шарикони рушд – созмонҳои байналмилалӣ боздид намуданд.**



Пас аз боздид зимни суханронии худ муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Матлубахон Сатториён таъкид дошт, ки бо сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон гардида буд, ки ин иқдоми пешгирифтаи роҳбарияти Олии кишвар барои боз ҳам беҳтар муаррифӣ кардани ҷаҳониён бо давлату миллати тоҷикон заминаи устувор гузошт.




Дар зимн қайд карда шуд, ки ҳунарманди асил бо ҳунари волои худ дар ягон давру замон ба касе ё чизе эҳтиёҷ пайдо намекунад. Дастнигар намегардад, зеро худ кони ҳунари волост. Ҳунар коргоҳи бузургест, ки доимо ҳамсафари касони боистеъдод аст. Яъне, ҳунарманд коргоҳ намеҷӯяд ва ба куҷое, ки наравад, метавонад бо дастоварди бузурги худ музде пайдо намояд, ки боиси рӯзгузорониаш мегардад.

Воқеан, ҳунар сармояи гаронест, ки онро бо ягон дороӣ, сарват, симу зар иваз кардану харидан номумкин аст. Ҳунар инсонро бузургию шаҳомат бахшида, ӯро болидарӯҳ мегардонад, зиндагиро зебоӣ мебахшад. Шахси боҳунар дарахти босамарест, ки меваҳои болаззату шаҳдбор ба бор меорад. Шахси боҳунар дарёеро мемонад, ки онро ҳар замон обест зулолу ошомиданӣ.

Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулнора Ҳасанзода гоҳи суханронӣ иброз дошт, ки Озмуни ҷумҳуриявии «Ҳунар омӯз...» барои рушди ҳунару ҳунармандӣ такони ҷиддӣ бахшид. Зеро барои ҳунармандон шароити мусоид фароҳам омад, ки ҳунари хешро инкишоф диҳанд ва барои бештар рӯнамоӣ кардани маҳсули дасти хеш кӯшиш намоянд. Зикр гардид, ки ҳунарҳои мардумӣ яке аз самтҳои муаррифии кишвар маҳсуб мешавад. Ба ин васила, имрӯз аз байни ҷавонон беҳтарин нобиғаҳои ҳунар, беҳтарин ихтироъкор, беҳтарин омӯзгор ба камол мерасанду аз таҷрибаи ҳамдигар руҳу илҳоми тоза мегиранд.

Дар Тоҷикистони азизи мо ин самти бағоят муҳим рӯ ба инкишоф дорад. Зеро бо ба тасвиб расидани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 феврали соли 2020, №132 “Дар бораи муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ” Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳунармандӣ ҳамчун мақомоти ваколатдор муайян гардида, вобаста ба он дар сохтори вазорат таҷдиди сохторӣ ба амал омад, аз ҷумла аз 1 сентябри ҳамон сол шуъбаи таълими калонсолон ва ҳунармандии Раёсати таҳсилоти ибтидоии касбӣ, таълими калонсолон ва рушди ҳунармандӣ таъсис дода шуд, ки сиёсати давлатиро дар соҳаи ҳунармандӣ пеш мебарад. Дар иртибот ба ин, дар фаъолияти муассисаҳои таълимии системаи вазорат падидаи хеле муҳими таълимӣ – фарҳангӣ, яъне ба таври васеъ ҷорӣ намудани омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ роҳандозӣ гардид.




Соли сипаригардида вобаста ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба таъсиси “Маркази ҳунарҳои миллӣ ва муосир” бо фармоиши вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гурӯҳи кории байниидоравӣ таъсис дода шуда, масъалаи мазкур дар якчанд ҷаласаҳои назди вазир ва муовини вазир – сарпарасти соҳа баррасӣ ва доир ба онҳо қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

Ҳамзамон, иқдоми мазкур аз Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018, ки тибқи он солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон гардид, аз нигоҳи илми иқтисоди муосири тоҷик воқеан ҳам марҳалаи сифатан нав дар раванди ҳаллу фасли се масъалаи асосии рӯз замина гузошт: 1). рушди устувори деҳот, 2). омили муассири ба шуғли арзанда фаро гирифтани шаҳрвандони бекор ва бо ин васила 3). паст намудани шиддати раванди муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба бозори меҳнати давлатҳои хориҷӣ, бахусус, Федератсияи Россия.




Бахшида ба эълон гардидани «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ синфхонаҳои ҳунарҳои мардумӣ, ки қаблан ташкил шуда буданд, бо шароиту имкониятҳои бештар таъмин гардида, фаъолияташон васеътар карда шуд. Дар ин замина, ғайр аз ихтисосҳои дусола ва яксола, вобаста ба самт боз барои омӯзиши ҳунарҳои хоси миллӣ курсҳои кӯтоҳмуддати гулдӯзӣ, дӯзандагӣ, попурзанӣ, қолинбофӣ, адрасбофӣ кушода шуда, ҷавондухтарон ва занҳои бешуғл ба омӯзиш ҷалб карда мешаванд. Синфхонаҳо бо дастгоҳҳои хурди алочабофӣ, адрасбофӣ, қолинбофӣ ва мошинаҳои замонавӣ таҷҳизонида шудааст, ки барои дар сатҳи баланд ба роҳ мондани омӯзиши соҳаи саноати сабук ва касбҳои дӯзандагию гулдӯзӣ ҳамчун пойгоҳи моддӣ-техникӣ хидмат карда метавонад.




Дар ин муддат, барои таҳияи лоиҳаҳои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳунармандӣ” бармеоянд, кори гурӯҳи кории байниидоравӣ идома ва тақвият бахшида шуд.

Инчунин, ба ҳайси муаррифи воқеии таърихи фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ баромад намудани сайёҳӣ ва маҳсулоти ҳунарҳои мардумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳи воридоти маҳсулоти ҳунармандони мардумии ҷумҳуриро ба бозори минтақавӣ ва ҷаҳонӣ васеътар намуд ва яке аз заминаҳои асосии вусъат бахшидан ба ҳамкориҳои мутақобилаи иқтисодӣ ва фарҳангии моли истеҳсолкунандагони ҷумҳурӣ бо шарикони рушд гардид.

Вижагии раванди хизматрасонии таълими касбии муосир – ин роҳандозии бештари омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ мебошад, ки он аз дастуру ҳидоятҳои ҳарсолаи Сарвари давлат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рушди қолинбофии дастӣ ва дигар ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва «Дар бораи Барномаи рушди қолинбофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020» сарчашма мегирад.

Ҷоизи зикр аст, ки ҳадафи асосии таъсиси «Маркази ҳунарҳои миллӣ ва муосир» на фақат фарогирии ҷавонон, занону духтарони бекор ва дигар табақаҳои аҳолӣ ба курсҳои кӯтоҳмуддати таълимӣ, инчунин ҳифз, эҳё ва рушди ҳунарҳои миллии хоси

(Идома дар саҳ. 5)

МД «Агентии бокортаъминкунӣ дар хориҷа»: 221-40-15



*(Аввалаш дар саҳ. 4)*

ҳар як минтақаи ҷумҳурӣ, афзун намудани истеҳсол ва муаррифии ҳунарҳои мардумӣ маҳсуб мешавад. Масъалаи муҳимми рӯз, ин беҳтар намудани раванди таълиму тарбия ва дар сатҳи баланди касбӣ тайёр намудани касбомӯзон мебошад.

Бо мақсади эҳё ва омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ, рушди ҳунармандӣ ҳамчун соҳаи таъмини шуғли пурмаҳсул дар деҳот ва рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар иртибот ба иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соли рафта 47 “Маркази ҳунарҳои миллӣ ва муосир” дар назди муассисаҳои давлатии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” ва Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе бо фарогирии 94 воҳиди корӣ таъсис дода шуд.

Дар ин муддат, барои роҳандозӣ намудани фаъолият дар соҳаи ҳунармандӣ санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқие, ки аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳунармандӣ” бармеоянд, таҳия, бо вазорату идораҳо мувофиқа ва аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расида, айни замон мавриди иҷро қарор доранд. Аз ҷумла, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба ҳунармандии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи Барномаи рушди ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025”, “Дар бораи Барномаи касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025”, «Дар бораи Тартиби пешбурди феҳристи ҳунармандӣ», “Дар бораи Номгӯи касбҳои ҳунармандӣ”, “Дар бораи Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти калонсолон”.



Айни замон, кормандони Маркази ҳунарҳои миллӣ ва муосир фаъолияташонро дар асоси қарорҳои ҷаласаи Ҳайати мушовараи вазорат «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Маркази ҳунарҳои миллӣ ва муосири назди муассисаҳои таълимӣ», «Дар бораи Низомномаи намунавии мактаби устод-шогирд», “Дар бораи тасдиқи Рӯйхати Маркази ҳунарҳои миллӣ ва муосир, ки дар назди муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе ва Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон таъсис дода мешаванд” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ роҳандозӣ менамоянд.



Барои ба низом даровардани қабул ва хатми шунавандагон дар курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши касбҳои ҳунармандӣ намунаи фармоиши муассисаҳои таълимии вазорат ва “Дастурамали вазифавии мудири Маркази ҳунарҳои миллӣ ва муосир”, ки вазифаҳои хизматӣ, ҳуқуқ, уҳдадорӣ, масъулият ва речаи кори мудири марказро муайян менамояд, таҳия ва барои корбарии минбаъда унвонии муассисаҳои таълимӣ пешниҳод карда шуд.

Ҳамзамон, дар робита ба иҷрои банди 31 Нақшаи чорабиниҳои Барномаи болозикр 25 июни соли 2022 дар арафаи истиқбол аз 25–умин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар Муассисаи давлатии “Боғи “Ирам” дар ҳамкорӣ бо Вазорати фарҳанг, кумитаҳои рушди сайёҳӣ, телевизион ва радио, кор бо занон ва оила, кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Душанбе, Ваҳдат, Ҳисор, Турсунзода, ноҳияҳои Рӯдакӣ, Варзоб, Файзобод ва Шаҳринав ва бахши хусусӣ Фестивали “Таомҳои миллӣ” аз рӯйи се номинатсия: “Оши палов”, “Нон ва маҳсулоти нонӣ” ва “Маҳсулоти қанднодӣ” ташкил ва баргузор карда шуд, ки дар он намояндагон аз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, корпусҳои дипломатии давлатҳои хориҷии воқеъ дар шаҳри Душанбе ва меҳмонони пойтахт иштирок намуданд.

Бад-ин минвол, таҳлилҳои вазъи кунунии муҳити рушди ҳунарҳои мардумӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ нишон медиҳанд, ки дар айни замон барои ривоҷу равнақи минбаъдаи ҳунарҳои мардумӣ фазои мусоиди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангию маърифатӣ, инчунин заминаи устувори қонунгузории соҳавӣ дар Тоҷикистон комилан фароҳам оварда шудааст.



Далели раднопазири ин гуфтаҳо Озмуни навбатист, ки он бо шукӯҳу ҷалол ва ҳунари баланди ҳунармандони ҷумҳурӣ сурат гирифт. Тибқи низомнома, ба Озмуни ҳунармандон аз рӯйи 7 номинатсия, аз ҷумла «кандакорӣ, чӯбтарошӣ ва сабадбофӣ», «гаҷкорӣ, ойинабандӣ, кундалнигорӣ», «заргарӣ, мисгарию оҳангарӣ», «ороиш аз санг», «кулолгарӣ» ва «читгарӣ, зардӯзӣ, нақшдӯзӣ, попурӣ», «намадмолӣ ва қолинбофӣ» молу маҳсулоти худро дар се давр пешниҳод намуданд.




Моҳи майи соли 2023 даври якум дар шаҳру ноҳияҳо ва даври дуюм дар маркази Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғд, Хатлон ва шаҳри Душанбе баргузор гардида, дар он 278 нафар ҳунарманд бо пешниҳоди маҳсули дастони худ иштирок намуд.

Ба даври ниҳоӣ 96 нафар ҳунарманд аз вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо роҳхат гирифта, ҳунарҳои худро ба ҳайати ҳакамон, иштирокчиён ва меҳмонон муаррифӣ намуд.

Аз рӯйи ҳар як номинатсия ғолибони ҷойҳои 1, 2 ва 3 муайян гардида, бо мукофотҳои пулӣ, «Дипломҳо»-и дараҷаи 1, 2 ва 3 сарфароз гардонида шуданд. Ба ғолибони ҷойҳои якум ҷоизаи «Ҳунарманди сол» супорида шуд.

Ҳамзамон барои ҳамкорӣ бобати дар сатҳи баланд ташкил ва баргузор намудани Озмун ба вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо «Ифтихорнома» ва «Сипоснома»-ҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуданд.

Озмун бо ташаббуси Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо барои тарғиб ва рушди ҳунарҳои мардумӣ ба роҳ монда шуд.

Ёдовар мешавем, ки озмуни мазкур тибқи «Ҷадвали баргузории озмун, намоиш, ид, озмунҳои анъана ва ҳунарҳои мардумӣ ва ҷашну солгардҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023», ки санаи доиршавии он шанбе ва якшанбеи якуми моҳи июн муайян шудааст, ташкил гардид.




Гуфтан ба маврид аст, ки озмун бо мақсади ҳавасмандгардонии аҳолӣ ҷиҳати истеҳсоли молҳои ниёзи мардум ва рушди ҳунарҳои мардумӣ, баланд бардоштани мақому маҳорати касбӣ бо ҷалби корхонаҳои давлативу хусусӣ ва сазовор пешвоз гирифтани 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараён гирифт.

Ҳадаф аз баргузории озмун рушди фаъолияти ҳунармандӣ, ҳифз ва нигаҳдории мероси ғайримодии фарҳангӣ, тарбияи ҳисси зебоипарастӣ, хештаншиносӣ, ҳунармандӣ ва ватандӯстӣ, эҳёи анъанаҳои аҷдодии ҳунарҳои мардумӣ ва оммавӣ гардонидани суннатҳои беҳтарини ҳунарҳои мардумӣ, тарғиби таҷрибаи пешқадами ҳунармандони варзида, муаррифии намудҳои гуногуни маҳсулоти ҳунармандӣ ва дастгирию ҳавасмандгардонии ҳунармандон буда, инчунин барои ба шуғл фаро гирифтани аҳолӣ ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии мардум мусоидат менамояд.

**Хабарнигори мо**

**МД «Марказҳои машваратӣ ва омодагӣ»: 225-05-75, 225-02-21**

Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шуғл ва МУҲОҶИРАТ

# КАФОЛАТИ САЛОМАТИИ КОРМАНДОН

**Такмили ихтисос шакли таҳсилоти касбиест, ки барои дастгирӣ кардан, васеъ намудан ва таҳкиму такмили дониш, малака ва маҳорати касбии қаблан гирифтаи корманд имконият медиҳад.**

Муассисаи давлатии «Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони системаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ» тибқи нақша курси такмили ихтисоси кормандони МДТ «Литсейи касбии техникии ноҳияи М.С.А. Ҳамадонӣ»-и вилояти Хатлонро оид ба тайёрии ҳатмии касбӣ, ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ аз 24 то 29 апрел баргузор намуд.

Ҷиҳати дар сатҳи баланд доир намудани курсҳо ба сифати омӯзгорон (лекторон) 5 нафар аз кормандони масъули сохтори дахлдори вазорат, Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Шӯрои иттифоқҳои касабаи вилояти Хатлон, Раёсати экспертизаи тиббию иҷтимоии бемориҳои махсуси соҳавии Хадамоти Экспертизаи тиббию иҷтимоии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, МД "Маркази таълимӣ дар соҳаи энергетика" ва 2 нафар кормандони МД "Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони системаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ" ҷалб гардиданд.

Нақшаи таълимӣ ба мавзуъҳои "Санаду меъёрҳои байналмилалии оид ба ҳифзи меҳнат, қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои локалӣ", "Созишномаи генералии байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2023", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тасдиқ намудани «Қоидаҳо ва меъёрҳои ба кормандон додани шир, хӯроки табобатию профилактикӣ, либоси махсус, пойафзоли махсус ва дигар воситаҳои ҳифозати фардӣ, таъмин намудани кормандон ба воситаҳои ҳифозати коллективӣ, биноҳои санитарию маишӣ ва дастгоҳу таҷҳизот аз ҳисоби маблағҳои корфармо, "Принсипҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи меҳнат", "Ҳодисаи нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ", "Расонидани ёрии аввалиндараҷа ба ҷабрдида дар истеҳсолот", Меъёр ва талаботи асосии ҳифзи меҳнат ҳангоми санҷишу барқарор намудани таҷҳизоти барқӣ дар корхонаю ташкилотҳо", "Талаботҳои асосии бехатарӣ аз сӯхтор" ва бахшида ба Рӯзи байналмилалии ҳифзи меҳнат (28 апрел) ва дигар мавзуъҳои соҳаи ҳифзи меҳнат бахшида шуданд.

Машғулиятҳои таълимӣ дар сатҳи баланд ҷараён гирифта, ҳар як шунаванда дар раванди омӯзишу мушоҳида ва суҳбатҳои фардӣ донишҳои заруриро барои пешбурди фаъолияти минъбадаи корӣ аз худ намуд.

Бо мақсади таъминоти талаботи ҳифзи меҳнат, пешгирӣ аз захмбардории истеҳсолӣ, беҳтар намудани шароити меҳнатии ба талаботи меҳнат ва санитарию беҳдоштӣ ҷавобгӯй ва пешгирии ҳолатҳои сар задани сӯхтор ва баланд бардоштани сатҳи касбии кормандон тавсияҳои зерин дода шуданд:

- тибқи талабот ба роҳ мондани хониши ҳарҳафтаинаи идоравӣ ва ҷиҳати омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ, самти муносибатҳои меҳнатӣ, бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат;
- таъмин намудани китобҳои дарсӣ, дастурамалҳои методӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ;
- Низомнамаи хадамоти ҳифзи меҳнати муассиса дар муҳлати як ҳафта таҳия ва барои тасдиқи роҳбарият пешниҳод карда шавад;
- нақшаи корӣ оид ба ҳифзи меҳнати муассиса барои соли хониши 2023–2024 тасдиқ карда шавад;
- дастурамалҳо оид ба бехатарӣ аз сӯхтор, ёрии аввалияи тиббӣ, бехатарии меҳнат барои фаррош, мудири хоҷагӣ, дӯзанда, ТМИК, челонгар, монтиёри барқӣ, ҳисобдор, бехатарии кор бо компютер ва оргтехника ва дигар касбҳоро таҳия намуда, пас аз тасдиқ дар як гӯшаи синфхонаҳои дахлдор овезон намоянд;
- гӯшаҳои амалкунандаи техникаи бехатарӣ ва қоидаҳои ҳифзи меҳнатро дар синфхонаҳо якҷоя бо омӯзгорон ва устоҳои таълимию истеҳсолии касбӣ дар муҳлати як моҳ аз нав намуда, бо сифати баланду шакли ягона овезон намоянд;
- дар яке аз утоқҳои корӣ кабинети ҳифзи меҳнат таъсис дода, дар он дастурамалҳо оид ба ҳифзи меҳнат ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи ҳифзи меҳнатро ҷойгир намуда, хонишҳои идоравӣ баргузор намоянд;
- олотҳои зидди сӯхтор, аз ҷумла, ҳавзи об ба талаботи меъёрҳои муқарраргардида таҷҳизонида шавад;
- бахши кадрҳо, ҳисобдор, китобхона ва ҷойҳои зарурӣ бо сӯхторхомӯшкунакҳо таъмин карда шавад.

Бовар дорем, ки баргузории семинару хонишҳои идоравӣ, курсҳои таълимӣ ва ҳалли камбудиҳои ҷойдошта барои пешбурди соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ, омода намудани кадрҳои коргарии ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯй ва рушди минбаъдаи иҷтимоию иқтисодии ноҳия мусоидат хоҳанд кард.



**Р.О. РАҶАБОВ,**
**директори МД «Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони системаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»**

# ШАРТНОМАИ МЕҲНАТӢ



Шартномаи меҳнатӣ – созиши байни корфармо ва корманд, ки тибқи он корманд ӯҳдадор аст корҳоро аз рӯи як касб, якчанд касби муайян, ихтисос ё вазифа (мансаб) бо дараҷаҳои дахлдор, бо риояи қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ иҷро намояд. Корфармо бошад, ӯҳдадор аст барои ҳамин кор ба корманд пурра ва сари вақт музди меҳнат диҳад ва шароити меҳнатеро, ки Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созишномаҳои тарафҳо муайян намудаанд, таъмин кунад.

Мутобиқи талаботи сархати 2, қисми 2 моддаи 19 ва тибқи талаботи қисми 1 моддаи 26 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон корфармо ӯҳдадор гардидааст, ки ҳангоми қабул ба кор бо кормандон бо тартиб ва шартҳои муқаррарнамудаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаи меҳнатӣ бандад.

Шартномаи меҳнатӣ дар шакли хаттӣ баста шуда, дар ду нусха тартиб дода шуда, аз ҷониби тарафҳо имзо карда мешавад. Як нусхаи шартномаи меҳнатӣ ба корманд дода шуда, нусхаи дигарро корфармо маҳфуз медорад.

Ҳангоми барасмиятдарории шартномаи меҳнатӣ мутобиқи талаботи қисми 2 моддаи 24 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар матни он бояд: вобаста ба ҷойи кор (воҳиди муайян), вазифаи (мансаби) ишғолнамудаи корманд, хусусияти шароити меҳнат, кафолат ва имтиёзҳо, агар кори иҷрошаванда ба корҳои вазнин ва ё дар шароити зараровар ё хатарнок мансуб бошад, санаи оғози кор, муҳлати шартномаи меҳнатӣ, низом ва реҷаи вақти корӣ, вақти истироҳат ва давомнокии рухсатии меҳнатии ҳарсолаи корманд, андозаи музди меҳнат ва дигар шартҳои пардохти музди меҳнат, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои корфармо, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои корманд, тартиби тағйир додан ва қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ, кафолат, ҷубронпулиҳо ва тартиби пардохти онҳо, шартҳои суғуртакунонӣ, ҷавобгарии тарафҳо, санаи бастан ва рақами тартибии шартномаи меҳнатӣ нишон дода шаванд.

Масъалаҳои оид ба шартҳои иловагӣ ба меъёрҳои дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ба монанди санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ), шартномаи коллективӣ ва ғайра набояд мухолифат намояд. Яъне, он меъёри манъкунандаи паст намудани сатҳи ҳуқуқ ва кафолатҳои меҳнатии кормандон мебошад, ки бо қонунгузорӣ муқаррар гардидааст.

Илова бар ин, корфарморо зарур мебошад, ки ҳангоми барасмиятдарории шартномаи меҳнатӣ талаботи моддаи 25 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба инобат гирад. Чунки шартномаи меҳнатӣ ба муҳлати муайян дар ҳолатҳое баста мешавад, ки агар бо назардошти хусусияти кор ва ё шароити иҷрои он ва ё манфиати корманд, инчунин дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бастани шартнома барои муҳлати номуайян имконнопазир бошад. Бастани шартномаи меҳнатӣ ба муҳлати муайян бо мақсади даст кашидан аз додани кафолат ва ҷубронҳое, ки барои кормандони дорои шартномаи меҳнатии ба муҳлати номуайян басташуда пешбинӣ шудаанд, манъ аст. Бояд қайд намуд, ки шартҳои шартномаи меҳнатӣ танҳо бо розигии тарафҳо дар шакли хаттӣ тағйир дода мешаванд.

Дар асоси талаботи зикргардида роҳбарони ташкилотҳо (соҳибкори инфиродӣ)-и дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятдоштаро зарур аст, ки ҳангоми қабул ба кор бо корманд шартномаи меҳнатӣ дар шакли хаттӣ банданд ва дар матни он тамоми шартҳои фаъолияти вобаста ба меҳнатро дарҷ намоянд.

Ҳамзамон хабардор менамоем, ки ҳангоми риоя накардани талаботи зикргардидаи қонунгузории меҳнат дар асоси муқаррароти моддаи 94 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати корфармо ба андозаи аз бист то сӣ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима пешбинӣ шудааст.

Бинобар ин, ба корфармо зарур аст, ки талаботи моддаҳои кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳбарӣ гирифта, муносибатҳои байни корфармо ва кормандонро ҳангоми қабул ба кор тибқи шартномаи меҳнатӣ дар шакли хаттӣ ба расмият дароранд.

**Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ**

**Раёсати Хадамоти муҳоҷират дар вилояти Суғд: 834-22-6-51-99**

# САФАРИ МАРҲАЛА БА МАРҲАЛА

**Директори стратегии Раёсати мубориза бар зидди бандитизм ва суйистифодаи меҳнат дар назди Вазорати корҳои дохилаи Британияи Кабир Дарил Диксон ба Хадамоти муҳоҷират ташриф овард. Номбурдаро Сафири Британияи Кабир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Тимоти Айдан Маршалл Ҷонс ҳамроҳӣ намуд.**

Тарафҳо оид ба риояи қоидаҳои будубош, ҳимояи ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ, пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва дигар масъалаҳои мубрами рӯз суханронӣ намуданд.

Дар суҳбат сардори Хадамоти муҳоҷират Нодирзода Иматшо қайд намуд, ки бинобар идомаи интихоб ва сафарбарии шаҳрвандон барои корҳои мавсимии кишоварзӣ ба Британияи Кабир дар доираи ҳамкорӣ бо ширкати “HOPS Labour Solutions Ltd”, ки хостори фаъолияти муваққатии меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзии Британияи Кабир мебошанд, аз санҷиши номзадҳои ширкати корфармо гузашта, рӯзҳои наздик сафарашон марҳала ба марҳала оғоз мегардад.

Зимни суханронӣ Дарил Диксон муфассал аз фаъолияти Раёсат маълумот пешниҳод намуда, ифроз дошт, шаҳрвандоне, ки барои корҳои мавсимӣ ба Британияи Кабир сафарбар мешаванд, бояд ҳатман қоидаҳои будубошро пурра риоя намоянд. Инчунин, дар рафти мулоқот ҷаноби Дарил Диксон ба саволҳои сардори Хадамот ҷавобҳои қонеъкунанда дод.

Ҳамзамон, ҷаноби директор бо миннатдорӣ арз намуд, ки омодааст барои боз ҳам хубтару беҳтар ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо Хадамоти муҳоҷират дар ҷалби шаҳрвандони



Тоҷикистон барои корҳои мавсимӣ ба кишвари Британияи Кабир мусоидат намояд.

Дар фарҷом, ҷаноби Дарил Диксон аз фаъолияти МД “Марказҳои машваратӣ ва омодагии пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ”-и Хадамоти муҳоҷират дидан намуд. Ғайр аз ин, мавсуф бо рафти мусоҳибаи шаҳрвандон бо намояндагони ширкати “HOPS Labour Solutions Ltd”, ки дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур баргузор гардид, ошно пайдо кард.

**Маркази матбуоти Хадамоти муҳоҷират**

## Эълон!

**Нашрияи "Шуғл ва муҳоҷират" ба маълумоти хонандагон мерасонад:**

Нафаре, ки аввалин шуда ҷавоби сканвордро дуруст пур карда, ба нашрия мерасонад, бо мукофотпулӣ қадрдонӣ карда мешавад.

Почтаи электронии мо - **Rrohnamo@mail.ru**; +992 93-483-36-36




Раёсати Хадамоти муҳоҷират дар вилояти Хатлон: 8-3222-2-38-08

Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Шуғл ва МУҲОҶИРАТ**

## ҒОЛИБОНИ МУСОБИҚАҲОИ ВАРЗИШӢ

Бо ташаббуси раҳбарияти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон байни сохторҳои вазорат дар шаҳри Душанбе дар доираи баргузории Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ баргузор шуданд.

Мусобиқаҳои варзишӣ барҳақ аз оммавӣ гардидани варзиш дарак медиҳанду кормандони вазорат бошанд, барои обутоби бадан фаъолона дар ин гуна бозиҳои варзишӣ иштирок меварзанд. Боиси нишот аст, ки имсол дар вазорат мусобиқаҳои варзишии волейбол, футбол, шоҳмот ва шашка дар сатҳи баланд чараён гирифтанд.

Даври ҷамъбастии мусобиқаҳои варзишӣ дар МД «Истироҳатгоҳи коргарҷавонони "Ромит" баргузор гардид ва ғолибон бо сипоснома ва туҳфаҳои хотиравӣ аз ҷониби муовинони вазир Ализода Алишер Ҳиматулло ва Давлатзода Қиёмиддин қадрдонӣ шуданд.

**Дастаҳо ва шахсони инфиродӣ аз рӯйи мусобиқаҳои варзишӣ ба гирифтани ҷойҳои зер муваффақ гаштанд:**

**Дар намуди волейбол:**

| | |
|---|---|
| Ҷойи якум | Дастаи "Меҳнат"- и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ |
| Ҷойи дуюм | Дастаи "Ғалаба"-и Литсейи касбии алоқаи шаҳри Душанбе" |
| Ҷойи сеюм | Дастаи "Лакаматив"-и Литсейи касбӣ-техникии нақлиёти роҳи оҳани шаҳри Душанбе" |
| Ҷойи сеюм | Дастаи "Муҳандиси"-и Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе" |

**Дар намуди футболи хурд:**

| | |
|---|---|
| Ҷойи якум | Дастаи "Муҳандиси"-и "Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе" |
| Ҷойи дуюм | Дастаи "Меҳнат"-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ |
| Ҷойи сеюм | Дастаи "Сохтмончиён"-и "Литсейи касбӣ-техникии сохтмони шаҳри Душанбе |

**Дар намуди шашка:**

Омӯзгори Литсейи касби техникии сохтмони шаҳри Душанбе
Моҳрӯ Бобоева - ҷойи якум,
Сардори Раёсати муҳоҷирати аҳолии ВМШМА ҶТ Самадов Баҳром - ҷойи дуюм.

**Дар намуди шоҳмот:**

Омӯзгори Литсейи касби техникии шабонаи шаҳри Душанбе
Ниятбек Зикиллобеков сазовори ҷойи якум шуд.

## СОҲИБИ ШОҲҶОИЗА – ПАҲЛАВОНИ ТОҶИК




Бо мақсади амалӣ гардонидани дастуру супоришҳои хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти рушди гӯштини миллӣ бо ташаббуси ҷамъияти тоҷикони Ҷумҳурии Тотористони Федератсияи Русия ва дар мувофиқа бо Вазорати варзиши Ҷумҳурии Тотористон дар толори варзишии "Батир"-и шаҳри Қазон ва бо иштироки раиси Анҷумани халқҳои Тотористон Яковлев Константин Генадович, директори хонаи дӯстии халқҳои Тотористон Шарипов Ирек Илдусович, намояндаи федератсияи гӯштингирӣ дар Федератсияи Россия Хушаков Эмомназар, чақонпаҳлавони тоҷик Расул Боқиев ва роҳбари ҷамъияти тоҷикони Ҷумҳурии Тотористон Тоиров Сабриддин Мирзоевич чемпионати кушодаи 1-уми Ҷумҳурии Тотористон оид ба "Гӯштингирӣ" тахти шиори «Варзиш - қосиди сулҳ» баргузор гардид.

Дар чемпионат паҳлавонон аз шаҳрҳои Қазон, Нижнекамск, Кӯҳистони Набережний, Уляновск, Самара, Перм, Москва, Твер, Краснодар, Санкт-Петербург, Новгород, ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Арманистон, Озорбойҷон дар ҳайати 98 нафар аз рӯйи вазнҳои 60, 70, 80, 90 ва зиёда аз 90 килограмм тибқи қоидаҳои муқарраранамудаи низомнома миёни худ қувваозмоӣ намуданд.

Ҷорабинии мазкурро раиси Анҷумани халқҳои Тотористон Яковлев Константин Генадович ҳусни ифтитоҳ бахшида, варзишро барқароркунандаи сулҳу суботи ҷомеа, пайвандгари дӯстии халқҳо номид. Мавсуф зикр намуд, ки маҳз бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мусобиқаи миллии тоҷикон "гӯштингирӣ" мақоми байналмилалӣ гирифтааст.

Дар идома намояндаи федератсияи гӯштингирӣ дар Федератсияи Россия Хушаков Эмомназар ва чақонпаҳлавони тоҷик Расул Боқиев зимни суханронӣ иброз намуданд, ки иқдоми пешгирифтаи ҷамъияти тоҷикони Тотористон дар муаррифии таъриху тамаддун ва фарҳанги миллии тоҷикон нақши калидӣ дошта, баргузории он иқдоми сариваќтӣ ва ибратомӯз мебошад.

Ғолибони чемпионати кушодаи 1-уми Ҷумҳурии Тотористон оид ба "Гӯштингирӣ" бо дипломи ҷамъияти тоҷикони Ҷумҳурии Тотористон, сару либоси гӯштингирии яктак (кемано) аз номи Федератсияи гӯштини миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мукофотҳои пулии соҳибкорони тоҷик, ки дар шаҳри Қазони Ҷумҳурии Тотористон кору фаъолият мекунанд, аз ҷониби меҳмонон қадрдонӣ карда шуданд.

Ғолиби шоҳҷоизаи мусобиқа паҳлавони тоҷик Ҳақназар Назаров бо 50 ҳазор рубли русӣ, ҷом ва диплом қадрдонӣ гардид.

**Камолиддин КАРИМОВ**

**Муассис:
Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Ҳайати мушовара:**

**Ҳасанзода Гулнора Кенҷа,**
вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Давлатзода Қиёмиддин,**
муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Нодирӣ Шаҳноза Анвар,**
муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ализода Алишер Ҳиматуло,**
муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Маҳмадзода Сафаралӣ Маҳмад,**
сардори Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ

**Нодирзода Иматшо,**
сардори Хадамоти муҳоҷират

**Ашурализода Абдураҳмон Ашуралӣ,**
директори Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ

Директори КВД «Рӯзномаи «Шуғл ва муҳоҷират»
**Фаррух Файзуллоев**

Сармуҳаррир
**С. Ёрмаҳмадзода**

Тарроҳ
**Абдурозиқ Абунасрзода**

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар маќолоту гузоришҳо ақидаи расмии Ҳайати мушовараи вазорат маҳсуб намешавад.
Дурустии асноду далели маќолаҳо ба уҳдаи муаллифон аст.
Идора бо муаллифон мукотиба намекунад, дастхатҳоро бар намегардонад.

**Дар нашриёти ҶДММ «Фасл-4» чоп мешавад**
Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 240\РЗ – 97 аз 16 марти соли 2021 номнавис шудааст.

**Нишонӣ:**
шаҳри Душанбе, кӯчаи Алишер Навоӣ, 5/2, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

тел: 93-738-22-66
98-745-00-00
98-851-81-23

**Обуна ба рӯзнома тамоми сол идома дорад ва дар ҳамаи нуқтаҳои алоқа қабул карда мешавад.
Индекс 68959**

**Почтаи электронии мо-
Rrohnamo@mail.ru**

**ОБУНА – 2023**

"Шуғл ва муҳоҷират" - оинаи кор, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ

Суратҳисоби дохилӣ: С/Ҳ 20202972740003103000, К/Ҳ 20402972316264, КИБ 350101626, РМА 040003282. КВД «Рӯзномаи «Шуғл ва муҳоҷират».

Филиали №03 Амонатбонк дар ноҳияи Синои ш. Душанбе.
Арзиши солонаи як нусха – 150 сомонӣ аз тариқи суратҳисоби нашрия.

**Нашрияи «Шуғл ва муҳоҷират»: +992-93-738-22-66**